***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсияи Султонов Муҳамададто Исоевич дар мавзуи «Садои мардум ҳамчун нашрияи парламентӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10- Рӯзноманигорӣ.***

Рушди журналистикаи ватанӣ дар солҳои Истиқлоли давлатӣ имкони ба вуҷуд омадан ва инкишофи воситаҳои ахбори оммаи чопӣ ва электрониро муҳаё сохт. Дар ин замина як қатор нашрияҳои чопии кишвар на танҳо барои пурра намудани фазои иттилоотии кишвар имкониятро ба вуҷуд овардаанд, балки ҷиҳати таблиғу ташвиқи дастовардҳои кишвари соҳибистиқлоламон хизматҳои арзандае кардаанд.

Аҳаммияти мавзуи кори диссертатсионии муаллиф Султонов Муҳамададто Исоевич дар он аст, ки таҳлил ва арзёбии яке аз нашрияҳои таъсиргузори кишвар - рузномаи «Садои мардум»-ро ҳадафи худ интихоб кардааст.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки муқаддимаи он тибқи талабот шакл гирифта, дар бахшҳои «Мубрамии мавзуи таҳқиқ» ва «Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ» масоили марбут ба мавзуи диссертатсия таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Боби аввали диссертатсия – «Омилҳои пайдоиш ва ташаккули нашрияи «Садои мардум» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Дар онҳо заминаҳои таърихиву фарҳангӣ ва омилҳои пайдоиш ва ташаккули нашрияи «Садои мардум» мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Дар фасли якуми боби мазкур – «Вазъи сиёсиву фарҳангии замони бозсозӣ ҳамчун омили асосии таъсиси нашрия» мухтасари вазъияти сиёсии замони ба фаъолият оғоз кардани нашрия ва заминаҳои сиёсиву иҷтимоии он айём баён шудааст.

Дар фасли мазкур диссертант вазъияти сиёсиву иҷтимоиро дар замони бозсозии горбачевӣ мавриди таҳлил қарор дода, дар ин замина ба вуҷуд омадани нашрияи “Садои мардум”-ро ҳамчун минбари порлумони кишвар ва нашрияи баёнкунандаи афкори ҷомеаи онвақта ба баррасӣ гирифтааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар фасли дуюми боби аввал, ки «Марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввули рузномаи «Садои мардум» пас аз Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» унвон дорад, ба арзёбӣ ва баҳо ба фаъолияти нашрияи порлумонӣ дар ин марҳалаи таърихӣ таваҷҷуҳи асосиро равона сохтааст.

Боби дувуми таҳқиқ «Вижагиҳои шакливу мундариҷавии нашрия» унвон дошта, дар он масъалаҳои вобаста ба шакл, анвоъ, муҳтаво ва ороиши рузнома мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Фасли аввали боби дувум – «Вижагиҳои ороиш ва дизайни нашрия» ба таҳқиқи  ороиш ва саҳифабандиву ддизайни рузнома марбут аст. Диссертант менависад, ки нашрия дар интихоби ҳуруфи сарлавҳа ва андозаи он, ороиши графикии рузнома ва истифодаи унсурҳои ҷолисозии анвоъ аз таҷрибаи нашрияҳои муосир истифода кардааст.

Муаллиф дар ин бахш ба чунин натиҷа расидааст, ки яке аз бартариҳои нашрияи «Садои мардум» пешниҳоди маводи пурмуҳтаво бо ороиши зебо ва истифода аз шаклҳои гуногуни пешниҳоди мавод мебошад.

Фасли дувуми боби дуюм «Таснифоти мавзуии маводи нашрия» асосан ба муҳтавои маводи нашрия ихтисос ёта, таҳқиқ мегардад, ки мундариҷаи рузнома пеш аз ҳама баёнгари мавқеии ҳирфавии нашрияи порлумонӣ дар инъикос ва шарҳи воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва адабиву фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми ҷаҳон мебошад.

Диссертант дар боби сеюм, ки ба «Таносуби жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Садои мардум»» бахшида шуда, се фаслро дар бар мегирад, масъалаи чигунагии жанрҳои публитсистӣ ва имконоти истифодаи онҳо дар нашрияи мавриди омӯзишу таҳқикро ҳадаф қарор додааст.

Дар фасли аввали ин боб «Воқеиятҳои муҳимми рӯз ва инъикоси онҳо дар қолаби ханрҳои хабарӣ» вижагиҳои хабарҳои рузномаи «Садои мардум» мавриди баррасӣ қарор гирифта шудааст. Таъкид мегардад, ки жанрҳои хабарӣ дар нашрия мақоми сазоворе доранд ва омили асосии нуфузи ин гуруҳи жанрҳо ҳадафи иттилоотии онҳо мебошад.

Дар фасли дуюм – «Мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар баррасии масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ» махсусиятҳои жанрҳои таҳлилӣ ва мақоми онҳо дар баррасии масоили сиёсиву иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Фасли сеюми боби мазкур «Муаррифии корномаи шахс дар жанрҳои лавҳаву очерк» унвон дошта, дар он доир ба инъикоси рӯзгори қаҳрамонони замони истиқлол, мардуми касбу кори гуногун ва меҳнати сидқидилонаи онҳо ба хотири рушди кишвар сухан рафтааст. Муаллиф ба хулосае меояд, ки лавҳаҳо ва очеркҳои рӯзномаи «Садои мардум», аз назари хусусияти жанрӣ қобили мулоҳиза бўда, тасвир ва муаррификунандаи корномаи шахс дар заминаи воқеиятҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон мебошанд.

Султонов М.И дар ҷараёни пажӯҳиш маводи хеле зиёд ва арзишманде гирд оварда, андешаҳои хешро низ доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуи мавриди назар баён намудааст. Нуктаи муҳим ин ки ҷанбаи илмии автореферат қавӣ буда, муаллиф барои таълифи пажӯҳиши мазкур аз осори таҳқиқии зиёди муҳаққиқон истифода бурдааст.

Автореферат бо забони хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки муаллифи он заҳмати зиёде кашидааст, то ки дар атрофи ин мавзуъ кори илмии судманде ба анҷом расонад.

Дар радифи комёбиҳои зиёди муаллиф ба пиндори инҷониб ба назар гирифтани нукоти зерин боиси болоравии ҳусни кор хоҳад гардид:

1. Хуб мешуд дар баъзе бахшҳои кор аз муҳтавои эҷодиёти кормандони нашрия намунаҳои бештари маводи журналистӣ барои тақвияти андешаҳои ҷолиби муаллиф истифода мегардид, зеро дар тамоми автореферат танҳо як байт оварда шудааст.
2. Дар фишурдаи диссертатсия бо забони тоҷикӣ баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 13, 19, 29, 32, 34 ва 37) ба назар расид, киислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

Албатта, ин гуна ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқгардида таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Мазмун ва мухтавои фишурдаи он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 6 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи «Садои мардум ҳамчун нашрияи парламентӣ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ мебошад.

**Муқарриз:**
н.и.ф.,
Раиси Иттифоқи
журналистони Тоҷикистон Исмоилзода З.Б
«05» майи соли 2025.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи  Калтакдорони Сурх, хонаи 22
Тел.: (+992) 919 – 32- 34 -02
E-mail: zismoilov@gmail.com

Имзои Исмоилзода Зинатуллоҳ Бурҳонро тасдиқ мекунам:

Мудири бахши кадрҳои
Иттифоқи журналистони
Тоҷикистон Шоинбодов Н.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саъдӣ Шерозӣ, 16 .
Телефон: (+992) 915-36-00 -57
E-mail: shoinbodov@ bk.ru
«05» майи соли 2025.